Таҳлили таъсири танзимкунии
лоиҳаи фармоиши Хадамоти зиддиинҳисорназди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи ҳимоя ва рушди рақобат, танзими инҳисороти табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ»

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Фармоиш «Оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи ҳимояи ва рақобат, танзими инҳисороти табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ» |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳнома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳнома дар бораи таҳия намудани лоиҳаи Қоидаҳои мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2021 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи Қоидаҳои мазкур санаи 2 ноябри соли 2021 то 3 декабри соли 2021, гузаронида шуд. |
| Маҷмӯи таклифҳо аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳнома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда ба онҳо. | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳнома оид ба омода намудани лоиҳа таклиф ва пешниҳод ворид нагардидааст.Мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба раванди машварати оммавӣ бо мактуби худ аз 3 декабри соли 2021, №518/1с, хулоса пешниҳод намудааст. |
| Тафсири мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад. | Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2018, №287 «Дар бораи Номгӯи мол ва маҳсулоти аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ, ки нархҳояшон таҳти танзими давлатӣ қарор дода мешаванд», |

| | |
|---|---|
| | номгӯи молу маҳсулоти нархҳояшон танзимшаванда муқаррар карда шудааст, ки танзим ва назорати он ба доираи ваколатҳои Хадамоти зиддиинҳисорӣ шомил мебошад. Ҷиҳати таъмини иҷрои талаботи банди 22 Низомномаи тартиби ташаккул ва татбиқи нарху тарифҳои озод ба маҳсулоти таъиноти истеҳсолию техникӣ, молҳои истеъмолии халқ ва хизматрасониҳо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2018, №257, тасдиқ карда шудааст, аз ҷониби кормандон мониторинги вазъи бозор амалӣ карда шуда, аз рӯи натиҷаи далелҳои ошкоргардида чораҳои маъмурӣ, ки тибқи талаботи боби 30 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаррар гардидаанд, андешида мешаванд. Бо назардошти он, ки дар Қоидаҳои амалкунанда муқаррарот вобаста ба чораҷӯиҳои маъмурииии мақомоти зиддиинҳисорӣ пешбинӣ карда нашудааст, татбиқ намудани ҷаримаҳои маъмӯрӣ зимни ошкор гардидани ҳуқуқвайронкуниҳо ғайриимкон мебошад. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлатӣ | Пешбурди сиёсати давлатии зиддиинҳисорӣ ба мусоидат ба рақобати озоди соҳибкорӣ дар бозори моли муайян ва ғайриинҳисоркунонии бозори мол, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон равона гардида, мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ назорати риояи талаботи қонунгузории зиддиинҳисорӣ дар соҳаи ҳимояи |

| | |
|---|---|
| | рақобат ба рушди рақобат, мусоидат ба ташаккули муносибатҳои соҳибкорӣ, дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагонро дар соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва кору хизматрасонӣ фарогир мебошад, ки ба раванди рушди соҳибкорӣ таъсиррасон намебошад. |
| Тафсири мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда аз ҷумла, чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳои барои субъектҳои соҳибкорӣ | Дар банди 7 Қоидаҳои санҷишӣ вобаста ба мутобиқ намудани он ба талаботи моддаи 15 Қонун ва қарорҳои номбурда назорати дурустии ташаккулёбии нарх ва тарифҳои танзимшавандаи давлатӣ, инчунин назорати мавҷудияти нархҳои паст ва баланди инҳисорӣ ворид карда шуд.<br>Дар баробари ин, дар асоси моддаи 38 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» зимни гузаронидани амалҳои назоратӣ аз рӯи риояи талаботи Қонунҳои зикргардида, мавриди ошкор гардидани далелҳои поймол гардидани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон маблағҳои бадастовардаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ба истеъмолкунандагон бармегардонанд ва ё дар ҳолати ғайриимкон будани муайнии истеъмолкунанда онро ба буҷети давлатӣ мегузаронанд.<br>Қоидаҳои санҷиши амалкунанда ваколатҳои мақомоти давлатии зиддиинҳисориро дар ин самт маҳдуд намуда, боиси зиёд гардидани санҷишҳои бенатиҷа мегардад.<br>Дар иртибот ба асосҳои болозикр бо дарназардошти |

| | |
|---|---|
| | мутобиқ сохтани замимаҳо ба Қоидаҳои санҷишӣ ба моддаҳои 9 ва 18-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субеъектҳои хоҷагидор» ба шакли замимаҳо тағйирот ворид карда шуд.<br>Лоиҳа маҳдудкунии фаъолияти соҳибкориро пешбинӣ наменамояд. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти давлатии эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар холати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва роҳҳои дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Оқибати иқтисодии лоиҳа:<br>- пешгирии санҷишҳои бенатиҷа дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор;<br>- пешгирӣ ва бартараф намудани хавфҳои коррупсионӣ;<br>- масъулият барои субъектҳои хоҷагидоре, ки бо суиистифода аз вазъи бозор ба болорпавии беасоси нархҳо роҳ медиҳанд. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ. | Моҳи феврали соли 2022. |

Сардори Хадамот А. Муминзод